## ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Ҷуракулзода Умрон Шодикул дар мавзуи "Хусусиятҳои лексикӣ - сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ" (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисосҳои 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 - Забони тоҷикӣ)**

Мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор дода шудани хусусиятҳои лексикӣ – сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъалаҳои мубрам ва муҳими таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ – сохтории истилоҳоти иқтисодӣ барои рушди пажуҳиши илмӣ такони тоза бахшида, ҷиҳатҳои то имрӯз таҳқиқнашудаи истилоҳоти иқтисодиро равшанӣ андохта, проблемаҳои дар самти пажуҳиши истилоҳоти иқтисодӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ мавҷударо ҳаллу фасл менамояд. Ба дастовардҳои илмӣ расидан дар ин самт, барои такмил ва густариши захираи луғавии забони тоҷикӣ ва такомули истилоҳоти соҳаи иқтисод мусоидат мекунад. В. В. Виноградов, Л. С. Пейсиков, В. С. Расторгуева, Ю. А. Рубинчик, Н. Маъсумӣ, М. Қосимова, Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, Д. Хоҷаев, А. Мирзоев, Ш. Кабиров, С. Назарзода, С. Анварӣ, Мирзо Ҳасан Султонов, Т. Шокиров, Г. Х. Шукуров, Ш. Бобмуродов ба пажӯҳиши истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм машғул гардида, ҳамзамон шогирдони зиёдеро ба таҳқиқот дар ин самт талқин намудаанд. Таҳқиқи истилоҳоти иқтисодӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ идомаи кори таҳқиқотии олимони фавқуззикр ба ҳисоб рафта, кори муҳим ва мубрам ба шумор меравад. Бо дарки масъулият ва муҳиммияти мавзуъ Ҷуракулзода Умрон Шодикул хусусиятҳои лексикӣ- сохтории истилоҳоти иқтисодиро дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ ва луғатномаҳо таҳқиқ кардааст. Навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ ва луғатномаҳо ба таври системавӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқот аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Маводи дар асоси

пажӯҳиш ҷамъовардаи муаллифро метавон дар таҳияи луғатномаҳо, дар курсҳои лексионӣ барои ихтисосмандон, дар таҳлил ва шарҳу маънидод намудани масъалаҳои гуногуни истилоҳшиносӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ, калимасозӣ ва дигар қисматҳои забоншиносӣ мавриди истифода қарор дод. Диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи "Хусусиятҳои лексикӣ - сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ" (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 - Забони тоҷикӣ) мутобиқат мекунад. Таҳлилу натиҷагирӣ, пажуҳишу хулосаҳо ва мазмуну муҳтавои диссертатсия ба талаботи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Бо назардошти ин нуктаҳо бояд иброз дошт, ки мақсаду вазифаҳои дар назди диссертант вогузоршуда ҳалли худро ёфтаанд ва диссертатсияи Ҷурақулзода Умрон Шодиқул таҳти унвони "Хусусиятҳои лексикӣ - сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ" (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) кори анҷомёфтаи илмӣ ба шумор рафта, барои баррасӣ ва дифоъ тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими
забон ва адабиёти тоҷики ДМТ Шукуров Г. Х.

Имзои Шукуров Г. Х.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел: 935406318. E-mail: shukurovg@mail.ru.

"09" феврали соли 2024